

# ЗАФАР МУБОРАК, ҒАЛЛАПАРВАРОНИ СУРХОНДАРЁ!

***Деҳқонони заҳматкаши вилояти Сурхондарё – кластерҳо, хоҷагиҳои фермерӣ ва пудратчиҳо чун ҳамасола аввалин дар миқёси ҷумҳурӣ нақшаи солонаи ғалласупориро шарафмандона адо намуданд.***

Дар чорабиние, ки бахшида ба Иди касбии ходимони матбуот ва ВАО дар шаҳри Тирмиз баргузор гардид, ҳокими вилоят Улуғбек Қосимов муждаи ба марраи зафар расидани ғаллапарварони вилоятро ҳамчун шодиёна эълон намуда, тамоми мардуми воҳаро бо ин зафар табрик гуфт. Айнан дар як рӯз бо ҳам афтодани ин ду ид ҳам ходимони соҳаи матубот ва ВАО ва ҳам декҳқонони заҳматписанди воҳаро беҳад шод сохт.

– Инак, барои шумо хабар ва муждаи нав, – гуфт роҳбари вилоят. – Дар як вазъу ҳолат ҳам эҷодкорон ва ҳам ғаллапарварони заҳматкашро табрик гуфтан барои ман низ шараф аст. Ба намояндагони ҳарду соҳа омади кору барори зиндагӣ таманно дорам.

Баъди ширкат дар чорабинии мазкур ҳокими вилоят бо ҳамтоёни худ ҷониби ноҳияи Қизириқ роҳ гирифт. Дар он ҷо низ нишасти мутантан ба муносибати ба марраи зафар расидани ғаллакорон баргузор гардид. Дар нишаст тамоми роҳбарони ноҳия, мутасаддиёни хоҷагии қишлоқ, роҳбарони кластер ва хоҷагиҳои деҳқон-фермерии пешқадам ва фахриёни меҳнату нурониёни дуогӯй ширкат намуда, дар сари дасторхони пурнозу неъмати идона суҳбат оростанд. Улуғбек Қосимов ҳозирин ва дар симои онҳо тамоми меҳнаткашони воҳаро бо чунин ғалабаи беназир табрик гуфта, заҳмату ранҷи ғаллапарваронро дар ин комёбӣ алоҳида таъкид кард.

Дар чорабинӣ кластерҳо ва хоҷагиҳои деҳқон-фермерӣ, ки барои бунёд кардани хирмани бобаракати ғалла саҳми арзанда гузоштанд ва ба давлат аз нақша зиёд маҳсулоти дон супориданд, бо ташаккурнома ва мукофотҳои арзандаи пуливу молӣ қадр карда шуданд. Нишаст ба як базми ҳақиқӣ мубаддал гашт. Фахриёни меҳнат ба сухан баромада, меҳнаткашони воҳаро бо зафар табрик гуфтанд. Санъаткорон бо суруду таронаҳои дилнишин табъи ҳозиринро болида сохтанд.

Ҳамчун маълумот зикр кардан ҷоиз аст, ки имсол деҳқонони заҳматкаши вилоят ба 89,3 ҳазор гектар замин тухми ғалла кошта, дар натиҷаи меҳнати босамар 267 ҳазору 287 тонна ғаллаи босифат ба хирмани давлат супориданд. Ростӣ, номусоидии обу ҳавои имсола, яъне дар охири моҳи апрел ва оғози моҳи май, дар айни донбандии майдонҳои ғалла аз меъёр зиёд гарм шудани ҳарорат деҳқононро хеле хавотир сохта буд. Зеро эҳтимоли нобуд ва ё худ бесифат гардидани маҳсулот ба миён омада, деҳқононро хеле ба ташвиш овард. Лекин шукр бо иноятӣ Худованди карим ва натиҷаи меҳнати босамари ғаллапарварон ва дуруст роҳандозӣ шудани қоидаҳои агротехникӣ натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда шуд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

# КОМЁБИИ ҒАЛЛАКОРОНИ ВИЛОЯТИ БУХОРО

***Ғаллакорони диловари вилояти Бухоро нақшаи шартномавии ба давлат фурӯхтани ғалларо барзиёд иҷро карданд. Ба нуқтаҳои қабул 194 ҳазору 728 тонна ғалла ворид гардида, 102 фоиз ба сомон расид.***

Соли ҷорӣ 3 ҳазору 10 хоҷагии фермерии вилоят дар 65 ҳазор гектар майдон гандуми навъҳои «Алексеевич», «Валена», «Васса», «Гром», «Таня» кошта, баъди нигоҳубини табъи дил ҳосили дилхоҳ фароҳам оварданд. Мавсими дарав дар вилоят, бо иштироки 215 комбайн отрядҳои ғалладаравӣ созмон ёфта, ба онҳо бештар аз 900 автомобили боркаш, 32 устохонаи сайёр, 43 воситаи таъмини сӯзишворӣ вобаста гардиданд. Ба комёбии вилоят ғаллакорони ноҳияҳои Вобканд, Пешкӯ, Ғиждувон, Ҷондор, Рометан ва Бухоро саҳми арзанда гузоштанд. Хусусан хоҷагиҳои фермерии, «Файз-2000», «Даврон Бозор Суннатбек» аз ноҳияи Рометан, «Саддам», «Кичкинтой Шукуржон замини» аз ноҳияи Ҷондор; «Ҳурматбибӣ Кумуш омади», «Тилло», «Шодимурод» аз ноҳияи Ғиждувон, «Алпомиш», «Отабек Анвар» аз ноҳияи Шофиркон, «Собир Сӯҳроб Бобир», «Қӯнди Гавҳар», «Гулбаҳор Гулнора» аз ноҳияи Вобканд ба натиҷаҳои баландтарин ноил гардиданд.

Дар вилоят бори аввал ҳосилнокии майдонҳо ба 80 сентнерӣ расид.

Даромади пешбинишуда 1 триллиону 410 миллиард сӯмро ташкил карда, 620 миллиарди он даромади соф аст. Ба ғайр аз ин 340 ҳазор тонна ҳосил барои беҳбудии шароити иқтисодии хоҷагиҳои фермерӣ ва кормандони он кумак мерасонад. Инчунин ба 17 ҳазору 430-то хонадони мӯҳтоҷи дастгирӣ 250 килограммӣ гандум, 20-тоӣ бандчаи коҳ дода мешавад.

Дар 62 ҳазор гектар қитъаи аз ҳосил холишуда кишти такрорӣ сурат мегирад.

Аз ҷумла, 10 ҳазору 649 гектари чунин майдонҳо ба зиёда аз 30 ҳазор нафар шаҳрвандоне, ки шомили «Дафтари оҳанин», «Дафтари бонувон», «Дафтари ҷавонон» гаштаанд, барои истифодабарӣ дода мешаванд.

Инчунин ба 9390 нафар ҷавонон 5680 гектар майдон барои кишти такрорӣ дастрас мегардад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# СИЁСАТИ ҶАВОНОН – ДАР МАРКАЗИ ИСЛОҲОТ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Ғайр аз ин, ҷавонони мо на танҳо дар таълим, балки дар равандҳои иқтисодӣ низ ба иштирокдорони фаъол табдил меёбанд. Барои рушди соҳибкории ҷавонон бунёди 100 миллион долларина таъсис ёфта, кредитҳои имтиёзнок ҷудо карда мешаванд. Дар соҳаҳои кишоварзӣ, хидматрасонӣ, «минтақаҳои саноатии ҷавонон» ва иқтисодиёти созанда низ барои ҷавонон имкониятҳои васеъ тақдим мегарданд.

Ҳамзамон, барои ҳалли мушкилоти беш аз 90 ҳазор нафар мутахассисони ҷавон ҷиҳати пайдо кардани кор, низоми нави таҳкими робитаи таълим бо бозори меҳнат ҷорӣ мешавад. Бо мақсади мустаҳкам кардани мавқеъ дар бозори ҷаҳонии IT лоиҳаи «Як миллион барномасоз» васеътар гардида, мактабҳои муҳандисӣ, ки ба фанҳои STEM ихтисосонида шудаанд, таъсис меёбанд.

Тавре Сарвари давлат дар мулоқот бо ҷавонон таъкид кард, дар замони кунунӣ, ки вазъи ҷаҳон беш аз пеш ноором ва мураккаб мешавад, осудагӣ ҳамчун бузургтарин неъмат, қадри инсон ва адолат ба сифати олитарин арзиш бештар аз ҳарвақта аҳамият пайдо мекунад.

«Дар кишваре, ки ҷавонони заковатманду дорои ҷаҳонбинии васеъ, тафаккури муосир ва саводи хуби технологӣ зиёданд, сулҳу рушд, ҳамҷиҳатӣ ҳамеша пойдор хоҳад буд.

Ташкили таҳсилу тарбияи босифат, бозомӯзии касбу ҳунарҳои замонавӣ, таълими забонҳои хориҷӣ, барои дар ҳаёт мавқеи муносиби худро дарёфтани ҷавонон фароҳам овардани шароит, ба вазифа ва уҳдадории аз ҳама асосии мо табдил ёфтааст», – гуфт Президент.

Мавриди зикр аст, ки имрӯз ҳар як қарор, ҳар ислоҳоте, ки ба ҳаёти ҷавонон дахл дорад, на танҳо ташаббуси давлат, балки иштироки фаъолонаи тамоми сохторҳои ҷомеа, аз ҷумла ҳизбҳои сиёсиро тақозо мекунад. Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» низ дар ин раванд масъулиятро амиқ эҳсос намуда, масъалаи кор бо ҷавононро яке аз самтҳои асосии фаъолияти сиёсии худ медонад.

Дар муддати сипаришуда аз ҷониби ҳизби мо дар доираи лоиҳаҳое чун «Ояндаи Ватан дар дасти ҷавонон», «Саломатии ҷавонон дар эътибори ҳизб», «Мамлакате, ки фарзандони солим дорад, тавоно мешавад» беш аз 7200 чорабинӣ доир гардиданд. Тавассути суҳбатҳои мизи мудаввар, конфронс ва семинарҳо зиёдтар аз 137 ҳазор иштирокдорон фаро гирифта шуданд. Инчунин, бо ҷавононе, ки дар «Дафтари ҷавонон» сабти ном гардидаанд, корҳои мақсаднок гузаронида шуда, ба омӯзиши муроҷиати онҳо таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Бо ибтикори боли «Адолатпарварони ҷавон»-и ҳизб бо мақсади тарғиби мазмуну моҳияти Муроҷиатномаи Президент ба Олий Маҷлис дар байни ҷавонони минтақаҳо беш аз 1350 чорабинӣ доир гардид. Имрӯз мо бо камоли ифтихор гуфта метавонем, ки бештар аз нисфи аъзои ҳизби моро ҷавонон ташкил медиҳанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки торафт шуури сиёсӣ ва масъулияти онҳо дар ҷамъият меафзояд.

Ин гуфтаҳои моро натиҷаҳои интихобот низ тасдиқ мекунанд. Бахусус, ба Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис аз ҳизби «Адолат» интихоб шудани ҷавонтарин депутат Беҳзод Тӯхтамуродов ифодаи амалии фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои ҷавонон аст. Инчунин, дар интихоботи Парлумонии ҷавонон, ки ба наздикӣ анҷом ёфт, ба раванди эҷоди қонун ворид шудани 21 номзади ҷавон, ки аз ҷониби ҳизби мо дастгирӣ мешаванд, натиҷаи сиёсати пайвастаи мо ҷиҳати таъмини иштироки муассири овози ҷавонон дар фазои сиёсии мамлакат мебошад.

Мо ба ҷавонон: «Ба сафи мо ҳамроҳ шавед! Шумо на танҳо нозир, балки метавонед шахсияти фаъоли сиёсие бошед, ки қарор қабул кунед, ташаббусҳоро пеш баред!» гуфта муроҷиат мекунем ва ин даъват самараи худро медиҳад. Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» дар фаъолияти хеш пешбурди манфиатҳои ҷавононро вазифаи асосии худ медонад ва дар ин роҳ онҳо такягоҳи бузургтарин бароямон мебошанд.

Ҳаракат, ташаббус ва гуфтори шумо ба мазмуни равандҳои сиёсии имрӯза табдил меёбад. Мо мақсад дорем, ки як неруи сиёсие бошем, то дар ин раванд дар канори ҷавонон бимонем ва садои онҳоро баландтар намоем.

Бовар дорам, ки шумо ба чунин имконият ва боварӣ бо фаъолияту натиҷаҳои сазовори он ҷавоб медиҳед. Инро дида, мо, калонсолон ба шумо ҳавас мекунем ва амин мешавем, ки ин сатрҳои шоир Ҳамид Ғулом то чӣ андоза бамавриданд: «Дил ҳамеша орзуи ҷавонӣ дорад, Эй кош, ҷавонии туро медоштам».

Бигзор, ҷиҳати дохил шудан ба маскани таълимие, ки орзу мекунед, пайдо кардани мавқеъ дар бозори меҳнат ва муҳимтар аз ҳама, дар амалӣ сохтани иқтидори худ дар роҳи нафъи кишвару халқамон омад ва зафарҳо ёр бошад!

**Робахон МАҲМУДОВА,**
**роҳбари фраксияи ҲСД «Адолат»**
**дар Палатаи қонунгузории**
**Олий Маҷлис.**

# ДАР ЮНЕСКО САҲМИ РОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ ДАР РУШДИ МУКОЛАМАИ БАЙНИ ФАРҲАНГ ВА ТАМАДДУНҲОИ ГУНОГУН БАРРАСӢ ШУД

***Дар қароргоҳи марказии ЮНЕСКО Симпозиуми байналмилалӣ таҳти унвони «Муколамаи ҷавонон дар бораи оянда дар масири Роҳи абрешим» аз ҷониби Намояндагии доимии Ӯзбекистон дар назди ЮНЕСКО дар ҳамкорӣ бо Барномаи ЮНЕСКО оид ба Роҳи абрешим ва намояндагии дипломатии Чин баргузор гардид.***

Ин чорабинӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии муколама байни тамаддунҳо — 10 июн, ки бо ташаббуси Ӯзбекистон ва Чин дар соли 2024 аз ҷониби Маҷмааи умумии СММ расман эълон шудааст, баргузор гардид.

Дар симпозиум муовини директори генералии ЮНЕСКО оид ба илмҳои табиӣ Лидия Брито, роҳбарон ва намояндагони намояндагиҳои дипломатии кишварҳои аъзои назди ЮНЕСКО, олимони ҷавон ва коршиносони байналмилалӣ ширкат варзиданд.

Дар ҷараёни чорабинӣ мероси таърихӣ ва саҳми Роҳи бузурги абрешим дар рушди муколама ва ҳамкорӣ миёни фарҳангҳо ва тамаддунҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаҳои санъат ва адабиёт, фалсафа ва маънавиёт, илм, дониш ва технологияи пешрафта баррасӣ шуд.

Нотиқон аҳамияти муколама ва мубодила миёни тамаддунҳоро дар масири Роҳи абрешим барои ғанигардонии мутақобила, рушди муштарак ва таъмини сулҳи устувор таъкид карданд.

Ин чорабинӣ инчунин барои баланд бардоштани хабардорӣ аз арзиши гуногунрангии тамаддунҳо дар бахшҳои мухталиф, аз ҷумла тиҷорат, илм, санъат ва маънавиёт — бо ҳадафи таҳкими муколама, эҳтироми мутақобила ва ҳамбастагии ҷаҳонӣ, инчунин рушди ҷаҳони мутаносиб ва ҳамгиротар мусоидат кард.

Намояндагони Ӯзбекистон дар ЮНЕСКО ба иштирокчиён дар бораи нақши шаҳрҳои таърихии кишвар — Бухоро, Самарқанд ва Хива, ки дар чорроҳаи Роҳи абрешим ҷойгир шудаанд, маълумот доданд. Таъкид шуд, ки ин шаҳрҳо дар рушди муколама, мубодилаи кашфиётҳои илмӣ, технологияҳо ва анъанаҳои зеҳнӣ миёни халқҳо ва тамаддунҳои гуногун нақши муҳим доштаанд.

Ҳамчунин саҳми бузурги олимону мутафаккирони Осиёи Марказӣ — Муҳаммад ал-Хоразмӣ, Ибни Сино, Мирзо Улуғбек, Абу Райҳон Берунӣ, Аҳмад ал-Фарғонӣ ва дигарон дар рушди мубодилаи илмӣ ва муколама дар масири Роҳи бузурги абрешим зикр шуд.

Бешубҳа, ислоҳоту тағйироти васеъмиқёсе, ки дар Ӯзбекистони Нав таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев амалӣ мегарданд ва ба ташкили Эҳёи сеюм тавассути рушди илм, маориф ва фарҳанг равона шудаанд, мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд.

Иштирокчиёни симпозиум бо ташаббусҳои байналмилалии Ӯзбекистон дар соҳаи ҳамкориҳои илмӣ, таъсиси шабакаҳои нави тадқиқотӣ, тавсеаи мубодилаи илмӣ-техникӣ ва таҳкими шарикӣ бо марказҳои илмии пешбари ҷаҳон шинос шуданд.

Дар ин замина, таъсиси Маркази тамаддуни исломӣ дар шаҳри Тошканд ва таъсиси Ҷоизаи байналмилалии ЮНЕСКО-Ӯзбекистон ба номи Берунӣ дар соҳаи тадқиқоти илмӣ оид ба ахлоқи зеҳни сунъӣ таъкид гардид.

Ҳамчунин, ба аҳамияти Форуми 14-уми ҷавонони ЮНЕСКО, ки моҳи октябри соли ҷорӣ дар шаҳри Самарқанд баргузор мешавад, ҳамчун як минбари муҳими тавсеаи муколама, ҳамкорӣ ва мубодилаи донишҳо миёни олимони ҷавон ишора карда шуд.

**АИ «Дунё»,**
*ш. ПАРИЖ.*

# МАСКАНИ ТАРБИЯ

***Косонсой яке аз қадимтарин ноҳияҳои вилояти Намангон ба шумор меравад. Аз замонҳои қадим бо табиати зебову мафтункор ва мутафаккирони бузургаш маълуму машҳур аст.***

Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ноҳия низ таърихи бой дорад. Дар осорхона нигораҳои бозкунандаи тамоми давраҳои таърихӣ, аз ҷумла осори кулолӣ, оҳангарӣ, мисгарӣ, ашёҳои рӯзгордорӣ, яроқу аслиҳаҳои ҷангӣ ва асбобу анҷомҳои ҳунарӣ ҷой гирифта, барои тамошобинон ва сайёҳон ҳайратовар аст.

Дар ин маскан дастнависи китобҳои нодир, силоҳҳои ҷангиву меҳнатӣ бо як тартиби муайян гузошта шудаанд, ки ба бинанда таассуроти фаромӯшнашаванда тақдим мекунад.

– Осорхонаи мо баъди осорхонаи кишваршиносии вилоят дар ҷойи дуюм меистад,– мегӯяд ходими осорхона Мавлуда Раззоқова. – Вақти холӣ нафақат калонсолон, балки мактаббачагон низ ҳамроҳи устодон ба ин ҷо ташриф оварда, дарсҳои маънавиро мегузаранд. Муҳаммадҷон Акрамов, Рисолат Атахонова, Санобар Асқарова, Аҳрорхон Аълохонов, Инъомҷон ва Исломҷон Пӯлодов барин кормандони осорхона оиди таърихи бойи музей маълумоти аниқу муфассал дода, ташрифовардагонро бо фарҳанги бою қадимӣ шинос менамоянд.

Осорхона натанҳо махзани ашёҳои қадимӣ ва таърихӣ, балки маскани тарбияи насли наврас дар руҳияи ватанпарвариву ватандӯстӣ низ мебошад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

# ДАР ДЕҲНАВ БИНОҲОИ БАЛАНДОШЁНА БОСУРЪАТ БУНЁД МЕШАВАНД




Ноҳияи Деҳнави вилояти Сурхондарё аз ҷиҳати нуфуси аҳолӣ аз ҳама калонтарин ноҳия маҳсуб ёфта, он дар боби рушду тараққиёти соҳаи хоҷагии қишлоқу саноат, тиҷорату соҳибкорӣ низ пешқадам аст. Азбаски аҳолӣ зиёд аст, талабот ба манзил ҳам рӯз то рӯз афзоиш меёбад. Инро ба инобат гирифта солҳои охир дар маркази ноҳия – шаҳри Деҳнав корҳои сохтмон бо суръат пеш бурда мешавад. Алалхусус, бунёди биноҳои истиқоматии баландошёна, ки на кам аз 9 қабатанд, асоси ин корҳои бунёдкориро ташкил медиҳад. Танҳо дар солҳои 2017-2024 33-бинои баландошёна бунёд ёфта, ба истифода супорида шуд, ки дар натиҷа 2789 оила бо манзилҳои замонавии дорои ҳамагуна шароит таъмин гардиданд. Соли ҷорӣ бошад, бунёди 20 адад бинои баландошёна ба нақша гирифта шудааст, ки ҳоло дар он сохтмонҳо корҳои бунёдкорӣ дар авҷ. Баъди сохта ба истифода дода шудани биноҳои мазкур боз 1902 оила бояд бо манзили зист таъмин гарданд. Дар муддати як сол танҳо дар як ноҳия ба ин миқдор бунёд ёфтани биноҳои баландошёна шояд ба ақли кас нағунҷад, вале чун ба маркази ноҳия қадам мегузоред ва ё худ бо роҳи марказии нақлиётгарди ноҳия гузашта истода ба шаҳр ва атрофи он назар месозед, дар ҳар гӯшаи шаҳр биноҳои баландошёнаи қадросткардаро дида ангушти ҳайрат мегазед. Шаҳр ба куллӣ тағйир ёфтааст. Ҳувайдост, ки Чағонрӯд ва Деҳнавшаҳри қадима, ки дар гузашта ҳам маркази савдову тиҷорат, ҳам ҳунармандиву илму маърифат буда, дар қади Шоҳроҳи абрешим ҷойгир буду рушду тараққӣ дошт, имрӯз бо сохту намуди нав боз ҳам бошукӯҳтар, азимтар ба назар ҷилва мекунад.

Дар қатори бунёди биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ, боз биноҳои маъмурӣ, нуқтаҳои маишӣ-хидматрасонӣ, марказҳои савдову тиҷорат низ бунёд ёфта истодааст, ки барои фаровониву ободонии ҳаёти мардум хидмат мерасонанд. Вобаста ба ин роҳҳо ҳам васеву ҳамвор ва босифат бетону мумфарш карда шуданд. То солҳои наздик мардум ба сабаби тангу тор ва ноҳамвор будани роҳҳои дохили шаҳр шикояти бисёр доштанд. Ин арзу шикоятҳо бо мурури вақт ҳалли худро меёбанд. Бо вуҷуди рӯз то рӯз зиёд шуда истодани воситаҳои нақлиёт, тирбандшавии онҳо ба тадриҷ кам шуда истодааст, ки аз ин сокинони шаҳр мамнун. Бо ҷадал пеш рафтани сохтмону дигар корҳои бунёдкорӣ, бешубҳа, ба рушди соҳаи сайёҳӣ низ мусоидат мекунад. Омаду рафти сайёҳон аз шаҳрҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ва берун аз он салоҳияти соҳаи сайёҳии ин минтақаро ба маротиб меафзояд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Сурхондарё.**

# ТАМАЪКОРӢ — ДАР ОИНАИ АФКОРИ ҶОМЕА

***Дар Маркази омӯзиши афкори ҷомеаи ҷумҳурӣ – «Ижтимоий фикр» дар мавзӯи «Тамаъкорӣ – дар оинаи афкори ҷомеа» суҳбати мизи мудаввар баргузор шуд.***

Дар чорабиние, ки дар доираи машварати илмиву амалии «Мушкилоти рӯзмарраи омӯхтани афкори ҷомеаи Ӯзбекистон ва ташаккул додани он: роҳҳо, назария ва амалиёт» баргузор гардид, вакилони идораҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, депутатҳо, олимон ширкат варзиданд.

Суҳбати мизи мудаввар дар пояи натиҷаҳои пурсише, ки дар байни аҳолии Ӯзбекистон гузаронида шудаанд, ба таҳлили афкори васеи ҷомеа нисбати тамаъкорӣ, мустаҳкам намудани эътимоди тарафайни байни давлат ва ҷамъият, ҳамчунин муайян сохтани мавқеи таҳлилҳои самарабахши иҷтимоӣ дар сиёсат бар муқобили тамаъкорӣ нигаронида шуд.

Директори Маркази омӯзиши афкори ҷомеаи ҷумҳурӣ – «Ижтимоий фикр» Н. Раҳимова дар бораи мавқеи шаҳрвандии тадқиқоти иҷтимоӣ ва нақши он дар таҷассуми сиёсати давлатӣ, ҷойи институтсионалии афкори ҷомеа дар бунёди ҷомеаи солим сухан ронд.

Раиси Кумитаи масъалаҳои инкишофи институтҳои демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис Гулрух Аъзамова, раиси Шӯрои Иттиҳодияи миллии созмонҳои ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратии Ӯзбекистон Камолиддин Эшонхӯҷаев ва раиси Шӯрои ҷамъиятии назди Оҷонсии мубориза бар муқобили тамаъкорӣ Ф. Отахонов дар бораи ислоҳоти мунтазам, ки бар муқобили тамаъкорӣ амалӣ мешаванд, таъминсозии механизмҳои шаффофият ва фаъолтар кардани иштироки шаҳрвандон маълумот доданд.

Се маърӯзаи муҳим, ки аз ҷониби вакилони Маркази омӯзиши афкори ҷомеаи ҷумҳурӣ – «Ижтимоий фикр» тайёр карда шудаанд, пешкаш гардиданд.

Нуқтаи назари умумии шаҳрвандон оид ба тамаъкорӣ дар Ӯзбекистон, эътимоди онҳо ба низоми давлатӣ ва таҷрибаҳои ҳаёти шахсии онҳо таҳлил карда шуданд. Маърӯзаҳои мазкур таъсири нохуши тамаъкориро ба шуури ҷомеа, сабаб ва оқибатҳои онро кушода доданд.

Ба ҳолатҳои тамаъкорӣ дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии мамлакат эътибори махсус дода шуд. Дар маърӯза мавзуъҳои вобаста ба пардохтҳои пинҳонӣ дар муассисаҳои тиббӣ, ноадолатӣ дар хидматрасонӣ ва дараҷаи шуури ҳуқуқии аҳолӣ амиқ таҳлил шудааст.

Дар бораи ҳолатҳои тамаъкорӣ дар таваллудхонаҳо, вайрон шудани ҳуқуқи модарон ва кӯдакон, ҳамчунин фикру ақидаи шаҳрвандон дар ин бобат сухан рафт.

Чорабинии мазкур, ба таъбире имкон дод, ки мушкилоти тамаъкорӣ дар оинаи ҷомеа падидор шаванд. Зикр шуд, ки дар ҷараёни мазкур расонаҳои ахбори оммавӣ, дастрасии озоди шаҳрвандон ба ахбор ва мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ аҳамияти ҳалкунанда доранд.

Дар анҷоми машварат хулоса ва тавсияҳои амалӣ ташаккул дода шуда, дар асоси онҳо бо ҳамкории мақомоти давлатӣ, идораи ҷомеаҳои шаҳрвандӣ ва расонаҳои ахбори оммавӣ чораву тадбирҳои мушаххас муайян гардиданд.

Машварати мазкури илмиву амалӣ дар мавзӯи «Тамаъкорӣ – дар оинаи афкори ҷомеа» дар сиёсати миллии мубориза ба муқобили тамаъкорӣ ба сифати таҷассуми назорати ҷамъиятӣ, фаъолнокии шаҳрвандӣ ва қаробати илмӣ хидмат хоҳад кард.

**Норгул АБДУРАИМОВА,**
**хабарнигори ЎзА.**

*Бузургони Шарқ*

# АЛЛОМАИ ДАВРАИ ЭҲЁИ НАХУСТИНИ ШАРҚ

Абуҳафси Кабири Бухорӣ (р.ҳ) – поягузори давраи Эҳёи нахустини Шарқ, ҳофиз, ровӣ, имом, зоҳид, олими илоҳиёт, муҳаддис ва фақеҳи мазҳаби ҳанафия дар арсаи тамаддун ва фарҳанги ҷаҳони исломӣ ба шумор рафта, соли 767 милодӣ дар маҳаллаи Фағсодараи шаҳри Бухоро таваллуд шудааст. Номи пурраам: Аҳмад ибни Ҳафс ибни Забурқон ибни Абдуллоҳи Бухорӣ ва Абуҳафс кунияи илмии ӯст.

Имом Заҳабӣ – муаллифи асари «Сайри аълом ун-нубало» ӯро ба унвонҳои «Алломаи Мовароуннаҳр» ва «Фақеҳи Машриқ» тавсиф намудааст.

Дар яке аз манбаъҳои электронӣ оварда мешавад, ки: «тақдир бар ин рафта буд, то Абуҳафси Бухорӣ дар ҳамон соле ба дунёояд, ки Абуҳанифа аз дунё рафта буд. Ӯ омад то хуни тозае дар қолиби мазҳаби Абуҳанифа бидамад...».

Зикри ин олими ислом дар асари «Таърихи Бухоро»-и Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ (899-959 м.) омадааст. Дар он Наршахӣ ӯро ба сифати нахустин асосгузори мактаби фиқҳ (илми қонуншиносии ислом) ном бурдааст. Ӯ улуми ибтидоиро дар Бухоро гирифта, барои такмили дониш ба Бағдод меравад ва аз олими фақеҳи он замон Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ, ки аз шогирдони олими машҳури фиқҳ, асосгузори мазҳаби ҳанафия Имоми Аъзам Абуҳанифа буд, омӯхтааст. Наршахӣ дар бораи нуфузи дониши ӯ чунин нигоштааст: «Ва дарвозаи дигарро ном «Дари Ҳақраҳ» аст. Ва Хоҷа Имом Абуҳафси Кабири Бухорӣ (р.ҳ) ба он маҳалла мебудаанд. Ва эшон аз Бухоро ба Бағдод рафта ва шогирдии Имом Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ (р.ҳ) (ваф. 804) карда ва мисли вай касе дар вилоят набуда. Ва вай аз ҷумлаи мутааххирини Бухорост. Ҳам зоҳид буд, ҳам олим. Ва Бухоро ба сабаби вай «Қуббат-ул-ислом» шудааст. Ва сабаб он ки аҳли Бухоро бо илм шуданд ва илм дар вай фош шуд ва аимаву уламо муҳтарам гаштанд...

Вай соҳиби оила ва фарзандон буд, яке аз фарзандони ӯ Абуабдуллоҳ ибни Абуҳафси Кабири Бухорӣ, ки бо номи Абуабдуллоҳи Фақеҳ ва лақаби Абуҳафси Сағир шуҳрат пайдо намуда, аз идомадиҳандагони илми фиқҳ дар Мовароуннаҳр буд, дар илми ҳадис ва рушди илми фиқҳ саҳми муносиб гузоштааст.

Бояд таъкид намуд, ки дар таърихи илми фиқҳи ислом муаллифоне, ки то Шамсулаимма Ҳалвоӣ (ваф. 1060) зиндагӣ карда, фаъолият доштаанд, «мутақаддимин» (рӯзгори мозӣ) ва қонуншиносони минбаъдаро «мутааххирин» (рӯзгори охир) ном бурдаанд.

Фатҳулборӣ дар «Муқаддима»-и худ Абуҳафси Кабири Бухориро аз устодони бузурги Имом Исмоили Бухорӣ (810-870) донистааст.

Абуҳафси Кабири Бухорӣ муаллифи асарҳои зиёде, аз ҷумла «Фатаво», «Фавоид», «Масоил», «Китоб ут-тахриҷ» (дар асари «Шарҳи «тасмия»-и Лутфуллоҳи Насафӣ аз он иқтибосот оварда шудаанд), «Ал-аҳвоъ вал-ихтилоф» (Суханони ҳавоӣ ва ихтилоф), «Ар-радду илал-лафзия» (Раддияи шахсони саҳлангор) боқӣ мондаанд.

Абуҳафси Кабири Бухорӣ ҳанӯз аз овони ҷавонӣ Қуръони карим ва ҳадиси шарифро аз ёд намуда, ба сифати ҳофиз, ровӣ, муҳаддис, фақеҳ ва алломаи бузург шуҳрат пайдо намудааст. Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» овардааст, ки ӯ ҳамзамон дар овони ҷавонӣ ҷамоли муборакi Паёмбари ислом Муҳаммад (с.а.в)-ро дар рӯъё дидаву он ҳазратро дар хонаи худ меҳмон намуда, дар ҳузури он бузургвор Қуръон хондааст, ки ин аз олими раббонӣ будани ӯ шаҳодат медиҳад.

«Ривоят кардаанд аз Муҳаммад ибни Саломи Байкандӣ, ки гуфт:

– «Ба хоб дидам Расулро (с) ба Бухоро дар бозори «Харқон» (ва бозори «Харқон» аз сари кӯйи Муғон то кӯйи Деҳқонон аст, онро дар қадим Харқон хондаанд).

Гуфт: – Расулро (с) дидам бар ҳамон шутуре, ки дар хабар омадааст, биншаста, ва кулоҳи сапед бар сар ниҳода ва халқе анбӯҳ ба пеши ӯ истодаву шодӣ мекарданд, ба омадани Расул (с) ва мегуфтанд:

– Расулро ба куҷо фуруд орем?!

Он гоҳ ба хонаи Хоҷа Имом Абуҳафс (р.ҳ) фуруд оварданд.

Хоҷа Абуҳафсро дидам пеши Расул (с) нишаставу китоб мехонд ва ба муддати се рӯз Расул (с) ба хонаи Ҳоҷа бошид. Ва ӯ китоб мехонду Расул (с) мешунуд ва дар ин се рӯз ҳеҷ бар вай рад накард ва ҳама савоб дошт».

Наршахӣ оид ба ҳофиз ва олими бузурги Қуръони карим будани ӯ чунин нигоштааст:

«Ва Хоҷа Абуҳафс ҳар шабонрӯзӣ ду бор хатми «Қуръон» кардӣ, бо он ки мардумонро илм омӯхтӣ. Ва чун заъифу пир шуд, як бор хатм кардӣ ва чун заъифтар шуд, нимае аз «Қуръон» бархондӣ, то аз дунё бирафт!».

Ба сифати идома ва исботи андешаи мазкур муаллифи асари мазкур Абубакри Наршахӣ перомуни дар хоки Осиёи Марказӣ дини исломро васеъ паҳн намудану тарғиб намудани Абуҳафси Кабири Бухорӣ ривояти зеринро сабт кардааст:

«Овардаанд, ки: Яҳё ибни Наср гуфт:

– Назди Хоҷа Абуҳафс будам, намози бомдод гузорида буд ва рӯй ба қибла нишаставу чизе мехонд. Чун Офтоб баромад зи пас нигарист, қавм ҳозир нашуда буданд, то илм бигӯяд. Бархосту чаҳор ракъат намоз гузорид ва сураҳои «Бақара»-ву «Оли Имрон»-у «Нисо»-ву «Моида» бархонд андар ин чаҳор ракъати намоз. Ва чун салом дод ҳанӯз қавм ҳозир нашуда буд. Бархосту дувоздаҳ ракъат намоз бигузорид ва то сураи «Раъд» бархонд».

Шаҳомат ва салоҳияти донишмандии Абуҳафси Кабир ба дараҷае бузург буда, ки ҳатто ашхоси аз илм ноогоҳ ҳам, барои ба ҳузури ӯ даромадан ҷуръат намекардаанд. Дар ин бора Наршахӣ чунин менависад:

«Муҳаммад ибни Толути Ҳамадонӣ аз «Фазл-ул-хитоб» ривоят карда, ки:

Ба Бухоро амире будааст, номи ӯ Муҳаммади Толут, рӯзе Хашуяро, ки вазири ӯ буд, гуфт:

– Мебояд, ки ба зиёрати Хоҷа Имом Абуҳафс равем ва ӯро дарёбем.

Ва ин Хашуя аз меҳтарони Бухоро буду муҳташам.

Хашуя гуфт:

– Ту ба назди ӯ дарравӣ, пеши ӯ сухан натвонӣ гуфт аз ҳайбати ӯ.

Гуфт:

– Ҳаройина биравам.

Пас бо вазир ба назди Хоҷа Имом Абуҳафс рафт ва эшон дар масҷид буданду намоз мегузориданд. Баъд аз намози пешин чун салом доданд вазир андар омаду гуфт:

– Амир омадааст, дастуре ҳаст, то дароянд?!

Гуфт:

– Ҳаст.

Ва рӯй ба қибла нишаста буд ва амир андар омаду салом кард ва биншасту ҳеч сухан натвонист гуфтан.

Чун Амир Хашуяро дид, Хашуя гуфт:

– Хоҷа Абуҳафсро чӣ гуна ёфтӣ?

Гуфт:

– Ҳамчунон ки ту гуфтӣ. Ҳайрон фурӯ мондаам. Чанд бор назди Халифа рафтааму бо Халифа сухан гуфтаам, маро маҳобати Халифа аз сухан бознадошт ва ин ҷо аз ҳайбати эшон сухан натвонистам гуфтан».

Абуҳафси Кабири Бухорӣ нуқтаи оғози мактаби илмии калом, ҳадис ва фиқҳ дар Мовароуннаҳру Хуросон ва Туркистон будааст, ки он то ба имрӯз расидааст.

Ӯ чунин шахсияти таърихӣ ва алломаи бузурге буда, то охири рӯзгори умри худ дар Бухоро барои рушди мазҳаби динии ягонаи аҳл-ал-сунна ва-л-ҷамоаи Паёмбари ислом (с.а.в) ва маҳзаби фиқҳи ҳанафияи Имоми Аъзам Абуҳанифа саҳму нақши носутурданӣ гузоштааст. Ӯ соли 217 ҳиҷрӣ (832 (4) милодӣ) дар Бухоро вафот намудааст. Дар ин бора Наршахӣ маълумоти зеринро овардааст:

«Ва имрӯз сарои Хоҷа Абуҳафс (р.ҳ) намондааст, ҳарчанд ки мардум он ҷо иморат кардаанд, лекин осори вай мондааст. Ва савмаъа низ андар он хона барҷой аст ва он мустаҷобуддаъва аст. Ва вафоти ӯ ба соли 217 (832 м.) будааст. Ва хоки ӯ ба (номи) «Дарвозаи Нав» маъруф аст, ҷойи дуои мустаҷоб аст.

Ва он талро «Тали Хоҷа Имом Абуҳафс» хонанд. Ва он ҷо масҷидҳову савмааҳост ва пайваста муҷовирон мебошанд ва мардумон ба он хок табаррук кунанд. Ва он мавзеъро Дари Ҳақраҳ ба он мехонанд, ки мардумони фатавӣ бурдандӣ назди Хоҷа Абуҳафс (р.ҳ) ва фатворо ҳақ хондаанд ва аз ин ҷиҳати Ҳақраҳ – роҳи ҳақ хостаанд».

Хулоса, бидуни тардид Абуҳафси Кабир поягузор ва тарғибгари мактаби илмии мазҳаби ҳанафияи ҳадисшиносӣ ва мазҳаби ҳанафияи фиқҳи исломӣ дар Мовароуннаҳр буда, барои падидаи Эҳёи нахустин дар Осиёи Марказии кунунӣ заминаи илмӣ фароҳам овардааст.

**Норхоҷа ЧОРИЕВ,**
**пажӯҳишгар.**

---

**_Дар қасри фарҳанги «Нурафшон»-и Самарқанд консерти дастаи ҳунарии асбобҳои миллии рус «Метелитса» аз шаҳри Санкт-Петербург дар савияи баланд гузашт._**

# ОРКЕСТРИ «МЕТЕЛИТСА» — ДАР САМАРҚАНД

Мухлисони санъати бадеӣ дар тӯли ду соат аз суруду оҳангҳои дилнишину гуворои дастаи ҳунарии номдори Русия ғизои маънавӣ гирифтанд.

– Ба мардуми сермиллату фарҳангдӯсти Самарқанд барномаи рангину пурҷило овардем, – гуфт роҳбари бадеии дастаи ҳунарии «Метелитса», Артисти хидматнишондодаи Русия Игор Тонин, – мо кӯшиш ба харҷ додем, ки барномаи консертӣ ба мухлисон шиносу дилнишин бошад ва таъбашонро болида созад. Ба муносибати 80-солагии Ғалаба барномаи махсус таҳия намуда будем, ки ҳангоми иҷрои сурудҳои «Катюша», «Руймолчаи сабз», «Барфи мӯйи сафед» ва ғайра ҳозирон ба ҳофизон ҳамовоз шуданд.

Инчунин, баромади ғолиби озмунҳои байналхалқӣ балалайканавоз Евгений Желинскийро тамошобинон бо кафкӯбӣ пешвоз гирифтанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

---

# *СУХАНОНИ ҲИКМАТОМЕЗ*

Номард занад ҳамеша лофи мардӣ.

***

Чароғи дурӯғ фурӯғ надорад.

***

Безабонӣ беҳ аз дурӯғгӯӣ.

***

Бадтарин дӯст дурӯғгӯй аст.

***

Тарс бародари марг аст.

***

Тухмдузд шутурдузд мешавад.

***

Умри бӯҳтон бебақост.

***

Агар ҳасуд набошад, ҷаҳон гулистон аст.

***

Харҷи мумсик дучанд аст.

***

Худама куш, бузама накуш.

***

Худписанд гардад нописанд.

***

Бар худписандон салом мадеҳ.

***

Мағрур – аз ҷамоат дур.

***

Худписандӣ далели нодонист,
Охири вай фақат пушаймонист.

***

Дар сари кор айёр, дар сари ош тайёр.

***

Ба олам ҳар касе бекор гардад,
Ба чашми аҳли олам хор гардад.

***

Аз зиндаи бекор мурда беҳтар аст.

***

Шиша ба мастӣ мебарад,
Мастӣ ба пастӣ мебарад.

***

Каримон зи амвол бармехӯранд,
Бахилон ғами симу зар мехӯранд.

Гирдоваранда
**Фариштаи ҒОИБНАЗАР.**

---

## *«90 РӮЗИ ЗАРБДОР»:*
# ЧОРАБИНИИ СОЛИМГАРДОНӢ

**_Дар тамоми гӯшаҳои кишварамон бо мақсади пурмазмуну пурзавқ гузаронидани вақти холии мактаббачагон ва ҷавонон дар таътили тобистона дар доираи барномаи «90 рӯзи зарбдор» чорабиниҳои маънавию солимгардонӣ гузаронида мешавад._**



Чанде пеш дар мавзеи кӯҳии Шоҳсафеди ноҳияи Косонсой байни ҷамоаҳои ноҳияҳо оиди ташкили сайёҳии кӯҳӣ қувваозмоии шавқовар баргузор гардид. Дар озмуне, ки аз ҷониби Маркази «Баркамол авлод»-и вилоят ташкил гардид, беш аз 100 нафар хонандагон иштирок карданд.

Ҳар як ҷамоа аз 6 нафар иштирокчӣ иборат буда, аз рӯйи 6 шарт қувваозмоӣ намуданд.

Баъди талошҳои пуршиддат ҷойи аввалро вакилони ноҳияи Учқӯрғон, ҷойи дуюмро дастаи варзишии ноҳияи Тӯрақӯрғон ва зинаи сеюмро намояндагони ноҳияи Чортоқ ишғол намуданд. Дастаи Учқӯрғон ҳуқуқи иштирок дар мусобиқаи ҷумҳуриявиро, ки дар ноҳияи Бахмали вилояти Ҷиззах баргузор мегардад, ба даст даровард.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Намангон.**

---

*Шариф ХАЛИЛ*

# АНГЕЗА

*(Ҳикоя)*

**(Охираш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

Нохост талх гирйист мард ва сухани муносибе наёфта, муддате хомӯш истод. Баъд ба остин оби чашм сутурд ва мӯйи нахустфарзанди худро бо меҳр парешон сохт, чандин суоли ӯро беҷавоб гузошта, лоҳис аз қафои бонуи нави хонадон ба сӯйи хонаҳои қатор қадам бардошт.

Ин тавр аз он гуфтугӯ боз чанд моҳ гузашт. Симин ҳамон роҳи модар мепоид, аммо на аз ӯ дараке буду на аз нинияки ваъдагиаш. Симин бо лӯхтаки худ суҳбат ороста, мегуфт, ки хафа нашавад, модараш ҳатман меояд. Танҳо не, дар оғӯш як додараки зебо меояд.

– Ман вайро хеле дӯст медорам.

– Ман ҳам.., – аз номи Парисо боз худ ҳарф мезанад Симин.

– Номашро чӣ мемонем?

– Рустам.

– Не.

– Сухроб.. ё ...

– ...

– Хайр, як номи хушрӯ меёбем. Ту ҳам фикр кун, Парисо!

– Хуб.

Вақте падараш аз назди бозиҳои онҳо мегузашт, Симин боз саволборон кард:

– Додоҷон?

– Гуфтание дорӣ?

– Очаам...

– Меояд! Гуфтам-ку, ҳатман меояд! – миёни абрӯвон гиреҳ андохта, сахт посух дод мард.

– Номи додаракамро чӣ мемонем?

– ...

Комрон гӯё ба ҷигараш теғи обдоре расида бошад, дам ба дарун гирифт, баъд аламаш тоза бо сари хам аз пеши суфа дур шуд ва ҳарчанд коре надошт, ба оғили хар даромада, хуб гирист. Ногоҳ аз гиря бозистода дид, ки маркаб... дар таҳайюр ба ӯ менигарад. Вай алафи дар охур бударо тит карда, ба таки пояш резонда буд. Ғазаби мард боло гирифта, носазои дастабиринҷие дар лаб, лагади обдоре ба шиками хар зад, ки аз тарс худро канор гирифт ва пушт гардонда, мунтазири зарбаи нав истод. Аммо хоҷааш дигар ҳаракати нораво накард. Агар боз рафтори беҷое мекард, албатта, бо шаттае ҷавоб мегуфт. Мард алафҳои рӯйи пору парешонро ҷамъ карда, дубора ба охур партофт ва боз дашноме дода, мушти таҳдид ба ҷонвар нишон дод ва асабаш вайрон аз оғил баромад. Хар ниҳоят нафаси озод кашид, аммо то аз назар пинҳон гаштани хоҷаи бадҷаҳл ба охур наздик нашуд.

Симин ҳамон машғули бозиҳои кӯдаконаи худ буд. Комрон аз оғил баромадаву дар шитоб аз назди бозигоҳи духтарак гузаштан хост. Ҳанӯз феълаш вайрон буд ва ба дили озурдааш чизе намеғунҷид. Аммо аз шохсорони баланди дарахти Тут чизе ба сару рӯяш афтода, як муддат ӯро аз ҳаракат боздошт. Ҳамон замон шоххҳои сербарги дарахти Тутро ба ҷунбиш водор сохта, калоғе бо садои гӯшхарош ба ҳаво пар кушод ва шодон овоз андохта, дар як дам нопадид гашт.

Симинро нохост ханда гирифт ва ба ҷабини падар, ки аз саргини он мурғи шумовоз ҷило медод, нигариста кӯдаквор завқ бурд.

Комрон як лаҳза гаранг шуд. Аввал табассум кард. Баъд, ногоҳ, ҳамон табассум ба як даста ғазаби шуълавар мубаддал гашт. Ба ҷониби дарахти Тут низ музтар нигоҳи бад афканд. Гӯё Тут низ ба ҳоли ӯ тамасхур мекард... Вай тозон ба ҳезумхона даромад ва аз он ҷо табарро гирифта, бе ҳеч қилу қол, ба тани дарахти Тут ҳамлавар шуд. Аз зери дандони табар ба ҳар сӯ тароша парида, садои гуп-гупаш атрофро пур мекард. Дили Симин ба дарахт сӯхт ва хост падарро аз ин амал боздорад. Аммо ба гӯши Комрон сухане намедаромад. Вай ҳар қадар ба тани дарахт табар мезад, ҳамон қадар дарғазаб мешуд. Ин тавр, тамоми нафрати вуҷудашро берун меафканд. Гӯё алами Исоро аз Мусо меситонд! Симин ба падар наздик шуда, аз домани куртааш кашид, аммо нохост дастаи табар ба пешониаш бархӯрда, ҷисми хурдакаш такони сахте дид ва паридаву ба ҷӯйи беоб афтод. Комрон ҳамон бошаст табар мезад. Табар мезаду шикояти завҷаи наваш ба ёдаш расида, аз нав оташ мегирифт. «Баргҳои хазони ин дарахтро рӯфта, безор шудам. Як сӯ ташвиши ин духтари инҷиқ, як тараф рӯбучини ҳавлӣ..!» – гӯё аз ҷигар менолид ӯ.

– Акнун.. ин дарахти бадбахт.. ба касе халал нахоҳад расонд! – миёни нафасҳои тез канда-канда хитоб кард Комрон.

Дарахти Тут бо ҳар зарба меларзид ва ду чашми таваллояш ба осмонҳо рафта, аз умқи бекарони он Холиқи худро меҷуст ва тараҳҳуме мехост. Баъд ба сӯйи Симин нигариста, сахт дар таҳлука афтод, ки чаро вай аз ҷой намехезад...

Ниҳоят дандони тези табар ба ҷигари дарахт расид ва ҷисми маҷрӯҳи вай бо нолаи ҷонхароше рӯйи суфа афтод. Афтоду чандин лонаи мурғакон низ ба замин пош хӯрданд.

Комрон ғолибона ба кундаи дарахт нишаст, ҷабини арақшорашро ба остин пок карда, ниҳоят ҳаври дил берун афканд ва баъд ногоҳ Симин ба ёдаш расида, дар талвоса ба атроф нигарист. Лӯхтаки зебои ӯ зери бори гарони дарахти Тут дар рӯйи дасторхони хоксорона нақши замин шуда буд, аммо Симин ку? Падари ғазабшикаста ҳавлиҷон аз ҷой хест ва дид, ки дар пошнаи суфа қиёмати Худо қоим шудааст.

Духтаракаш – Симини ёдгор аз Ҳадисаи номуродаш... дар ҷӯйи беоб, ки лойи такшини он сафолак баста, шодигоҳи мӯру ҳашароти дигар буд, беҳаракат мехобид. Аз ҷабини кафидааш якзайл хун таровида, хоки ташнаи ҷӯйро тар мекард.

---

*Дар нигористон*

# АСАРҲОИ РАССОМИ СОБИҚАДОР БА НАМОИШ ГУЗОШТА ШУД

Дар Хонаи фотосуратҳои Тошканд бахшида ба 105 солагии рассом Владимир Петров (1920-1997) намоишгоҳи шахсии эҷодкор таҳти мавзӯи «Рӯзномаи Сталинград» кушода шуд.

Оғози Ҷанги дуюми ҷаҳон ва воқеаҳои таърихии он барои халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ фаромӯшнопазир хоҳад монд. Он солҳо баробари шоиру нависандагон рассомон низ мӯқалами худро ба яроқу аслиҳа тадбил додаанд.

Рассом В. Петров аз оғози ҷанг ҳамчун сержанти хурд ба Белоруссия сафарбаргардонида шуд. Дар давоми ҷанг ӯ дар муҳорибаи Сталинград низ иштирок кард, ки дертар дар ҳамин мавзӯъ намунаҳои эҷодии худро офаридааст.

Суханони В. Петров «Ман танҳо он чиро, ки дидам, эҳсос намудам ва аз иштирокчиёни ҷанг шунидам, он чизро кашидам», ҳамчун ғояи асосии намоишгоҳ қабул карда шудааст.

Намоишгоҳ бо сарпарастии Академияи бадеии Ӯзбекистон ва сафоратхонаи Русия дар Ӯзбекистон ташкил шуд.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**

---

*Мавзеи «Янги Ӯзбекистон»-и ноҳияи Яккабоғи вилояти Қашқадарё воқеан ба намунаи амалии шаҳрсозии замонавӣ табдил ёфтааст.*

*Инфрасохтори мавзеъ аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат аст. Он18 гектар заминро дар бар гирифта, дар асоси соҳибкории хусусӣ ва шарикии давлативу хусусӣ, ба ивази маблағгузории 500 миллиард сӯм ташкил шудааст. Дар доираи лоиҳа 54 бинои бисёрқабата бунёд гардид, ки 1 ҳазору 400 хонаи он ба аҳолӣ супорида мешавад.*

*Дар мавзеъ муассисаи таълими томактабии давлатии рақами 32 фаъолият дорад, ки барои 120 нафар кӯдак пешбинӣ шудааст. Дар маҳфилҳои варзишиву санъат, майдончаҳои бозӣ, ошхона ва хобгоҳи васеи кӯдакистон барои бачаҳо имкониятҳои зиёд фароҳам оварда шудааст.*

**_Суратгир: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ӮзА)._**



# ПАЙРАВИ СИНОИ ҶАҲОНГИР МАНАМ...

***Дар яке аз минтақаҳои хушманзараи соҳили дарёи Сӯх биное қомат афрохтааст, ки хеле назаррабо буда, атрофашро дарахтони гуногуни мевадор, мисли зардолуву шафтолу, гелосу олу ва ноку себ, инчунин ниҳолҳои ороишӣ иҳота намудаанд.***
***Аз даромадгоҳ то атрофу акнофи он хеле сарсабзу хуррам аст. Ҳарҷо-ҳарҷо гулҳои рангорангу хушбӯ ба табиати он шукӯҳи тоза ато намудаанд.***
***Дар роҳрави атрофаш чанд ҷои нишаст барои беморон ва шахсони аёдаткунанда гузошта шудааст.***
***Ана ҳамин манзараи дилрабо аз мадди назари мо дур намонд. Онро тамошокунон вориди саҳни васеъ шудем. Камол Шарофиддинов моро бо чеҳраи кушод истиқбол намуд. Бо роҳбаладии ӯ вориди даҳлези дарози бинои асосӣ шудем, ки ду тарафи он аз ҳуҷраҳои дунафариву чорнафарӣ иборат будааст. Катҳои дохили ҳуҷраҳо бо рӯйҷоҳои сап-сафеди дарзмолшуда ва болишти ниқобкашидашуда муҷаҳҳаз буд.***



– Ин кас ошпази мо – Моҳира Шарифова ҳастанд. Аз хӯрокҳои болаззати ӯ беморон хеле хурсанданд. Ошу шӯрбо, мастобаю шавла, мошкичирию тушбераи он касро тановул кунед, чанд муддат мазааш аз даҳонатон намеравад,– гуфт бо шавқи том Камол Шарофиддинов.

**– Дар шароити ин ҷо хӯрокпазӣ ягон мушкил эҷод намекунад? Манзурам аз гази табиӣ истифода мешавад ё на?**

– Баъзан аз гази табиӣ истифода мекунем. Аммо на ҳамеша гази табиӣ дастрас аст. Хоссатан фасли сармо дар аксари ҷойҳо, аз ҷумла минтақаи мо низ камбудии гази табиӣ хеле зиёд эҳсос мешавад, барои ҳамин дар ошхонаи мо бештар ҳезум ва балонҳои гази фишурдашуда корбаст мегарданд. Ҳуҷраҳоро тавассути ангишт гарм мекунем.

**– Дар клиникаи шумо воситаҳои табобатро чӣ ташкил мекунанд?**

– Ғайр аз амалиёти ҷарроҳӣ, аз воситаи асосии муолиҷаи беморон – масҳ ва физиотерапӣ фаровон истифода мебаранд. Бо ин кор ҳамшираҳои шафқатамон Сулҳия ва Ороста машғуланд, ки омӯзишгоҳи тиббиро хатм кардаанд. Писарам – Аҳлиддин дар оянда мутахассиси соҳаи ҳалқ, гӯш ва бинӣ хоҳад шуд.

**– Ҳоло дар клиникаи шумо чанд нафар бемор мавриди муолиҷа қарор гирифтаанд?**

– Мо 10 ҳуҷра дорем ва ҷамъи гунҷоиши беморон 38 нафарро ташкил мекунад. Ҳоло дар байни беморон шаҳрвандони кишвари ҳамсояи Қирғизистон низ ҳастанд, ки маҳз мизоҷони мо маҳсуб меёбанд.

**– Хеле ҷолиб!**

– Метавонед бо як-ду нафари онҳо бевосита суҳбат кунед.

Вақте вориди яке аз ҳуҷраҳо шудем, марди миёнсоле болои кат якпаҳлӯ зада, бо шавқ телевизор тамошо мекард. Вай аз ҷо боло шуд ва баъди адои муошират худро сокини деҳаи Буҷуни ноҳияи Боткент Қайиш Ҷумъаев муаррифӣ намуд. Баъд афзуд:

– Ҳар шаш моҳ дар ин клиника бистарӣ мешавам ва муддати 12 рӯз муолиҷа мегирам. Ин ҷо барои мо ҳам наздик аст ва ҳам барои муолиҷа шароити хуб фароҳам оварда шудааст. Аз ноҳияҳои дигари вилояти Боткент боз се нафар ин ҷо бистарӣ мебошанд. Ҳоло муносибати ду давлати ҳамсоя хеле хуб шудааст ва ягон монеа барои омадан ва муолиҷа гирифтани мо мавҷуд нест. Ин боиси сарфарозиҳост, – гуфт бо хурсандӣ Қайиш Ҷумъаев.

***

Вай мехост омӯзгор шаваду ба насли наврас таълиму тарбия диҳад. Ҳатто то хатми синфи нӯҳ дар дил ҳамин орзуро мепарварид. Аммо воқеае рӯй доду ин қарораш тағйир ёфт.

– Ман навакак аз мактаб баргашта будам, ки аз ҳавлии ҳамсоя доду фиғон баланд шуд. Ҳайрон шудаму тозон ба он ҷо шитофтам.

*(Очерк)*

Зану шавҳар болои сари фарзандашон, ки аз дарди ҷонкоҳ нола мекард ва ба худ мепечид, рост истода чӣ кор карданашонро намедонистанд. Дарк намудам, ки то расида омадани мошини ёрии таъҷилӣ вақти зиёд лозим аст, барои ҳамин ба назди бародарам– Шарофиддин рафтаму вазъиятро фаҳмондам. Вай бо мошини сабукраваш зуд ба назди ҳавлии ҳамсоя ҳозир шуд. Сонӣ вай писарбачаву падару модарашро ба шифохонаи марказӣ расонд, – ёдовар шуд Камол.

Вай илова намуд, ки пизишкон дарҳол писарбачаро ба кати ҷарроҳӣ хобонидаанд ва ба вай, ки аз дарди кӯррӯда азият мекашидааст, тавассути амалиёти ҷарроҳӣ ҳаёти дубора бахшидаанд.

Баъди як ҳафта писарбача сиҳат шуда, ба ҳавлиашон баргаштааст. Падару модараш ба ҳавлии Камолино омада, барои кумаки фаврӣ ба вай ва бародараш ибрози сипос намудаанд.

– Дар мактаб аз ҳамаи фанҳо баҳои хубу аъло доштам. Вақте ки соли 1978 онро хатм кардам, бе ягон дудилагӣ ҳуҷҷатҳоямро ба Донишкадаи тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ Сино супурдам. Ин донишкада солҳои салтанати шӯравӣ ҷиҳати тайёр кардани кадрҳои баландихтисос байни донишкадаҳои тиббии Осиёи Марказӣ шуҳрати беандоза пайдо карда буд. Ҳоло низ ба ҳамон анъанаи худ содиқ мондааст, – мегӯяд Шарофиддинов.

Вале падараш – Наҷмиддинамак гуфтааст, ки ба деҳа бармегардад.

– Ин ҳарфи падарам боис шуд, ки ба деҳа баргардам. Аммо аз ин қарори падар баъд хурсанд шудам, зеро ҳамон солҳо Сӯх, ки аз дурдасттарин минтақаҳои вилояти Фарғона маҳсуб меёфт, ба кадрҳои тиббӣ хеле ниёз доштааст. Бо тамоми майл ба кор пардохтам ва дар ин муддат беморони зиёдро даво бахшидам,– иброз медорад ӯ.

Солҳои 1985–86 таҳти раҳнамоии узви вобастаи Академияи илмҳои тибби Иттиҳоди шӯравӣ, профессор Ю. Нехаки, доктори илмҳои тиб, профессор Л. Калштейн ва доктори илмҳои тиб Н. Холматов курси махсуси бемориҳои гӯш, ҳалқ ва биниро хатм намудам, – изҳор дошт ҳамсуҳбати мо.

Солҳои 1986-88 дар шуъбаи ҷарроҳии шифохонаи ноҳияи Кушониёни вилояти Хатлони Тоҷикистон машғули такмили касб шудааст ва донишу маҳораташро сайқал додааст.

***

Камол мегӯяд, ки пеш аз шурӯъ ба кори хусусӣ бо дигарон маслиҳат кардааст.

– Беҳуда нагуфтаанд:

Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,
Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад,– ёдовар мешавад зимни суҳбат Камол Шарофиддинов.

Дар ин муддати тӯлонӣ ҳудудан ба 24 ҳазор нафар бемор хидмати беминнат расонидааст. Аксарияти онҳо аз роҳи статсионарӣ дар клиникаи хусусии ӯ саломатии худро барқарор кардаанд.

Ногуфта намонад, ки Камол Шарофиддинов солҳои дароз дар вазифаи мудири шуъбаи бемориҳои ҳалқ, бинӣ ва гӯши поликлиникаи марказии ноҳия кор кардааст.

– Аз хоҷагии ёрирасонамон низ як миқдор даромад ба даст меорем. Онро ба корҳои тармиму муҷаҳҳаз намудани клиника ва барои беҳбуди хӯроке сарф мекунем. Дар ин миён ба беморони хонаводаҳои камбизоат ба таври ройгон хидмат мерасонем ва дуои хайри онҳоро сазовор мешавем,– мегӯяд Камол.

Вай бо завҷааш – Оҳистабону соҳиби чаҳор фарзанд ва набераҳои дӯстрӯ мебошад. Камол аз зиндагии худ розӣ аст ва аз шарофати истиқлол ҳамеша шукр мегузорад. Барои меҳнати тӯлонӣ борҳо бо нишон ва ташаккурномаҳои вазорати тандурустӣ ва идораҳои маҳаллии он сазовор гардидааст.

***

– Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев сиёсати хирадмандонаро пеш гирифтааст. Онро бо тамоми ҳастӣ дастгирӣ мекунам, зеро дар ягон давру замон барои мо чунин шароити хубу созгор фароҳам оварда нашудааст. Аз ин шароит бояд дуруст истифода кард ва барои рушду ривоҷи тиб талош намуд, – гуфт дар интиҳои суҳбат Камол.

Насими хуш вазида, ҳавои фасли гармои тобистонро мӯътадил менамуд. Аз ин баландӣ атроф чун кафи даст намудор мешуд. Мардуми зиёд дар қитъаҳои чоркунҷаи ду соҳили рӯди Сӯх машғули хишоваи шолӣ буданд. Маҳз онҳо бо меҳнати пурсамари худ бозорҳоямонро бо биринҷи хуштаъми девзира таъмин мекунанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Халқи мо аз қадим урфу одат ва анъанаву қадриятҳои миллии худро дорост, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо ҳамчун фарҳанги аҷдодӣ шакл гирифтааст. Албатта зиндагии мардуми деҳот, бахусус ҷавононро бе истифодаи ин гуна бозиҳо тасаввур намудан имконнопазир аст. Зеро ин бозиҳо аҳамияти баланди варзишиву маънавӣ дошта, барои ҷисмонан бақувват ва руҳан солим гардидани онҳо хидмат мекунад. Инчунин дар ташаккули шахсияти ҷавонон ва ҳамоҳанг гардидани онҳо бо ҷамъият мусоидат мекунад.***

# БОЗИҲОИ ХАЛҚИИ ВАРЗИШӢ ВА АҲАМИЯТИ ОНҲО

Бозиҳои халқӣ аз қабили ланкабозӣ, чиллакбозӣ, гӯштингирӣ, бузкашӣ, ресмонкашӣ, қувваозмоӣ, камонбозӣ, ки баъзеи аз инҳоро шарҳ хоҳем дод, на танҳо бозиҳои халқӣ, балки метавон бозиҳои халқии варзишӣ гуфт. Зеро иштирок намудан дар ин бозиҳо бештар фаъолияти ҷисмонӣ талаб карда мешавад. Яке аз ин бозиҳо ланкабозист. Ланкабозӣ дар асри XIX тавассути уйғурҳо аз Чин ба фарҳанги мардумони Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тоҷикон, роҳ ёфтааст. Тибқи андешаи баъзе муҳаққиқон, номи афзори ин бозӣ – «ланга» аз калимаи тоҷикии «ланг» – ланг ва ё аз «линг» пой гирифта шудааст. Ланка аз порачаи пӯсти пашмдори буз ва пораи сурби гирдашакл сохта мешавад. Ланкабозӣ ба таври гурӯҳӣ ё дунафарӣ сурат мегирад. Бачаҳо шумораи муайянеро марра қарор дода, ба бозӣ шурӯъ мекунанд. Агар дар вақти бозӣ ланка ба замин афтад, навбати бозӣ ба бозингари дигар мегузарад. Дар вақти ланкабозӣ мушакҳои пой ва шикам хеле фаъол иштирок мекунанд, ки ин барои бақувват гардидани пой ва зебо гардидани қомат замина мегардад.

Бозии дигаре, ки барои саломатии мардум хеле судманд аст, чилликбозӣ мебошад. Чилликбозӣ ё чилликдангал навъе аз бозии кӯдакон ва бузургон, ки бо дастаи чӯбин – чиллики чӯбии тақрибан 20-25 сантиметраи аз ду тараф сартезро ба мақсади ҳарчи дуртар фиристодан мезананд ва анвои гуногуни ин бозӣ вуҷуд дорад. Асосан се намуди ин бозӣ дар кӯҳистони мо маъмул аст: яке ду санги ба андозаи косаро гузошта, чилликро болои он мегузоранд ва бо дастаи чӯбин онро мезананд. Дувумин чилликро ба ҳаво партофта, бо даста онро мезананд ва навъи сеюм чилликро дар замин мегузоранду аввал бо даста ба як гӯшаи он мезананд то аз замин боло ҷаҳад. Баъд вақте ки ба боло ҷаҳид, онро мезананд, то ҳарчи дуртар равад. Ҷамоаи рақиб ҳаракат мекунад, ки онро дар ҳаво даст гиранд. Зеро вақте онро дар ҳаво доштанд, шахси бозикардаистода аз бозӣ мебарояд. Агар дошта натавонанд, аз ҷое, ки чиллик парида рафтааст, сӯйи бозикунанда мепартоянд. Чун аз як қади дастаи чӯбин, ки дар дasти бозигар аст, ба он сангҳои гузошта наздик шавад, навбати ҷамоаи рақиб меояд, вагарна боз ҳамин тавр бозӣ давом медиҳад. Дар давоми чилликбозӣ асосан мушакҳои дасту бозу хеле фаъол кор мекунад ва вақти доштани чиллик бачаҳо хеле тез медаванд, ки ин барои саломатӣ муфид аст.

Бозӣ ё навъи дигари варзиш ин гӯштини миллӣ аст, ки дар байни мардуми мо хеле васеъ паҳн шудааст. Қоидаи нонавиштаи гӯштини суннатии тоҷикон чунин аст, ки бо таклифи шахсони мӯътабари диёр ва ё вакил мақсади гузаронидани маъракаи гӯштингирӣ, вақти гузаронидан, мавзеи гузаронидан, ҷамъоварии маблағи зарурӣ барои туҳфа, қабули меҳмонон, зиёфати онҳо ва амсоли ин корҳои ташкилӣ пешниҳод карда мешавад ва бо таври овозаҳои халқ, ки қариб ҳар сол вобаста ба ҷашнҳои пешомада чунин маъракаҳоро интизорӣ мекашанд, ба дигар диёрҳо мерасанд. Дар маъракаи гӯштини суннатии тоҷикӣ вазн ба эътибор гирифта намешавад, лекин синну сол барои кӯдакон ва наврасон ҳатман ба тахмини зеҳнии довари майдон ва садои мухлисон ба эътибор гирифта мешавад. Барои гӯштингирон вақт ҷудо карда намешавад. Агар рақобат тӯлонӣ давом кунад, бо хоҳиши якдигар ба онҳо танаффус дода мешавад ва ё бо хоҳиши якдигар рақобат мусовӣ ҳисобида шуда, аввал ба ҳардуи онҳо якхела ягон туҳфа дода мешавад, ё туҳфаи эълоншуда байни онҳо тақсим карда мешавад. Ин рақибон метавонанд рақобатро бо дигар паҳлавонон давом диҳанд. Дар хотимаи гӯштин аз ҳама туҳфаи арзишмандтар ба номи паҳлавони маҳбуби диёр эълон мегардад ва хоҳишмандон баромада, дар маркази майдон ба қатори паҳлавони номбаршуда мешинанд, ё ин ки ягон рӯймолро «тавоқ» гуфта номи туҳфаи қиматтаринро эълон намуда, дар маркази майдон мегузоранд. Албатта имрӯзҳо ин навъи варзиши халқӣ дар майдонҳои байналхалқӣ баргузор мегардад ва ҳамватанони мо борҳо дар чунин чемпионатҳо ғолиб гардида, номи мамлакат ва мардумро баланд бардошта истодаанд, ки ин боиси ифтихори мост.

**Умар ҶӮРАЕВ,**
**омӯзгори мактаби рақами 94-уми ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё.**

# ТАҶЛИЛИ ДУ САНАИ ТАЪРИХӢ

***Дар толори Донишгоҳи байналхалқии сайёҳии «Роҳи абрешим»-и Самарқанд 35-солагии рӯзномаи вилоятии «Овози Самарқанд» тантанавор ҷашн гирифта шуд.***

Нашрия чун минбари дӯстии халқҳо ва нишонаи барҷастаи эътибор ба халқу миллатҳои дигар дар Ӯзбекистон, таранنуми рафоқат ва риштаҳои таърихӣ, посдошти арзишҳои миллӣ, ривоҷу равнақи фарҳанг хидмати шоиста мерасонад. Боиси ифтихору хушнудист, ки нақши он дар ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ беназир аст ва корҳои бузурги фарҳангӣ-маърифатиро иҷро мекунад.

Ҷамоаи аҳлу тифоқи рӯзнома кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ҳар як маводи он ҷолиби диққат ва шавқангез бошад. Мақолаҳои таҳлилӣ, танқидӣ ва адабию иттилоотӣ пайваста интишор меёбад.

Замоне дар идораи рӯзнома Нор Остонзода, Муртазо Тоҷизода, Ҳазрат Сабоҳӣ, Ғафурҷон Маҳмудов, Шаҳзода Назарзода, Озод Ҳамидзода, Баҳораи Хуррамзод, Шӯҳрати Ҳусейн ва дигарон фаъолият бурдаанд. Ҳоло низ як гурӯҳ қаламбадастон бо корҳои эҷодӣ машғул ҳастанд.

Инчунин дар вилоят Рӯзи ходимони матбуот ва расонаҳои ахбор низ тантанавӣ ҷашн гирифта шуд.

Иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев ҳозиронро бо иди касбӣ табрик гуфта, ба як гурӯҳ журналистон «Ифтихорнома « ва туҳфаҳои хотиравӣ супурд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*



*Дар Қарокӯл «Маскани оила ва занону духтарон» ба истифода супурда шуд.*

*«Маскани оила ва занону духтарон»-е, ки дар назди шуъбаи оила ва занону духтарони ҳокимияти ноҳияи Қарокӯл созмон дода шудааст, ба таҳким бахшидани ҳисори муқаддас, дастгирии ҳамаҷонибаи занону духтарон, афзун гардондани фаъолияти иҷтимоии онҳо хидмат мекунад.*

*Дар чорабинии ба ин муносибат рӯйикоромада масъулони ноҳия, занону духтарони фаъол ва намояндагони ҷомеа ширкат ҷуста, ҳамаро бо иншооти нави иҷтимоӣ табрик гуфтанд.*

*Дар маскани мазкур ба ҳозирин доир ба машғулотҳои таълимие, ки фаъолият доранд, маслиҳатхонаҳои тиббӣ, психологӣ, ҳуқуқӣ, курсҳое, ки дар онҳо касбу ҳунар ва асрори соҳибкорӣ омӯзонида мешаванд, сехи дӯзандагӣ ва китобхона маълумоти муфассал дода шуд.*

***Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Бухоро.***

**Арзишҳо**

# МОДАРОНРО ДОИМО ДОРЕД АЗИЗ...

Умри азиз гузарон аст. Чораву имконе нест, то дар ин дунё барҳаёт бимонӣ. Вале рӯҳи инсон, хотираи ӯ муқаддас ва абадист. Ин қонуни азалӣ аз рӯзе, ки инсоният дар рӯйи Замин пайдо шудааст, ҳаст, давом дорад ва давом хоҳад кард. Фарзанд меваи боғи муҳаббати падару модар аст, яъне номбардор ва гомбардори волидайни хеш мебошад.

Аммо ... Афсӯс, ки ҷудоӣ аз падару модар доғи фаромӯшнопазирест дар қалби фарзанд. Ва ман ҳам аз ҷумлаи он дилшикастагонам, ки аз модари азиз дар айни гулшукуфти ҷавонӣ ҷудо гаштам. Дил ҳанӯз аз меҳри беинтиҳои модар баҳраманд нашуда, дар нимароҳ пурхун гашт. Дареғо!..

Модарҷон, ёд дорам, бисту панҷ сол муқаддам дар моҳи аввали тирамоҳ туро аз даст додем. Дарди бедавое мо, ҷигарбандонатро аз ту ҷудо кард.

Модари оламаноҳам. Яке аз орзуҳоят он буд, ки бо сари баланд мактабро хатм карда, толибилми донишгоҳ бошам.

Модарҷон! Ман мактабро бо шаҳодатномаи аъло хатм кардам. Пас ба Донишкадаи давлатии политехникии Фарғона дохил шудам, ин боргоҳи таълимиро ҳам хатм намудам. Солҳои донишҷӯӣ ҳар бор ба зодгоҳ бармегаштам, ҷуръати даромадан аз дарвозаи хонаро надоштам.

Модарҷон, чун ба дарвоза наздик мешудам, аз дур, аз пешайвони хонае, ки ту дар он ҷо ҳар пагоҳ моро бо дуо ба мактаб гусел мекардӣ, симое намудор мегашт. Он симо ба ту хеле монанд буд. Вақте ин симо падидор мегардид, ман дар ҷоям гӯё шах шуда мемондам ва ба гӯшам овози форами ту мерасид: «Оҳ, писаракам! Биёед! Дарсҳоро тамом карда баргаштед...»

*Ёд дорам модари ғамхорро,*
*Модари ғамхору хушгуфторро,*
*Ҳар, кӣ бошад соҳиби ақлу тамиз,*
*Модарашро доимо дорад азиз.*

Модарҷон, ман туро ҳамеша ёд мекунам. Дар ин дунё аз ғами дурии ту бисёр сӯхтам. Модарҷон, ту зери заминӣ ман дар рӯи он. Намедонам, ки нолаҳои ман ба ту мерасанд ё не?

Дар ин дунё касе барои ман мисли ту шуда натавонисту наметавонад.

Солҳои таҳсилам дар донишгоҳ ҷойи ту бисёр маълум гашт. Зеро баъзан модарони ҳамсабақонам барои дидани фарзандашон меомаданд. Онҳоро дида, ҳавас мекардам, дилам пур аз алам мешуд. Ҳатто, модарҷон, боре як ҳамдарсам аз ман пурсид: «Чаро фақат падарат ба пурсиши ту меояду модарат не?»

Ман он лаҳза мехостам сахт гиря кунам, вале тамоми вуҷудам аз алам карахт шуда буд ва ба ин хотир ҳарфе зада натавонистам.

*Зиндагӣ, модар, ҳамин аст...*
*Мисли ту мо ҳам пурармон мешавем,*
*Мисли ту мо ҳам ба пирӣ мерасем*
*Чун расад навбат зи дунё меравем.*

Модарҷон, ҳар бор, ки ба зиёрати қабрат меравам, дар сари хоки ту хаёломез менишинам. Ба сурати санги мазорат нигариста, дар дил мегӯям: «Наход, наход оқибати инсон ҳамин бошад?!»

Дар он лаҳзаҳо мисраъҳои Лоиқи додрас вирди забонам мешаванд:

*Сари кӯи ту биншастам даме чанд*
*Бигиристам аз андӯҳу ғаме чанд,*
*Зи санги сарди болои мазорат,*
*Бипурсидам: Баҳои одамӣ чанд?*

...Модарҷон, ҳар пагоҳ вақте сӯйи донишгоҳ мерафтам, сари роҳ бисёр модарони меҳрубонро медидам ва аз байни онҳо бо нигоҳи ташнаи меҳр туро меҷустам. Вале, афсӯс, ки намеёфтам:

*Дилам хоҳад равам бар кӯйи модар,*
*Вуҷудам пур шавад аз бӯйи модар,*
*Тамоми рӯйи дунёро бигаштам,*
*Надидам рӯйи хуш ҷуз рӯйи модар.*

**Додомамадҷон МАМАДҶОНОВ,**
**деҳаи Гулистони ноҳияи Сӯх.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-728.
Адади нашр 3689. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.